# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи илмии Зикирзода Ҳобил дар мавзуи «Озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шарқӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа, аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - таърихи фалсафа**

Масъалаи инсон ва озодии ихтиёру ҷабри ӯ аз тақдиру сарнавишт дар ҷаҳонбинии пайравони ҳама мактабҳои фалсафии асримиёнагии Шарқ ҷойгоҳи муайян дошта, дар таълимоти машшоияи исломӣ бошад, он бо равишу усули ба худаш хос арзи ҳастӣ пайдо намудааст. Махсусияти ин масъала дар афкори файласуфони машшоъ пеш аз ҳама дар он зоҳир мешавад, ки онҳо кӯшиш намудаанд, таълимоти исломиро дар мавриди инсон бо фалсафаи ақлгароии юнонӣ ба мусолиҳа оваранд. Ин равишу усули онҳо ба назариёти дигар мактабҳои фалсафии исломӣ, аз қабили фалсафаи калом, фалсафаи исмоилия ва таълимоти диниву фалсафии тасаввуф бетаъсир намондааст ва дар адабиёти бадеӣ ва фалсафии асрҳои минбаъда низ асари худро гузоштааст.

Муҳаққиқ Зикирзода Ҳобил паҳлуҳои аслии ин масъаларо дар рисолаи илмияш «Озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шарқӣ» ба риштаи таҳқиқ кашидааст, ки онҳо аз мубрамияту муҳиммияти мавзуъ гувоҳӣ дода, ҷанбаҳои асосияшон дар автореферати диссертатсия инъикос шудаанд. Муаллиф ин масъалаҳоро ба вази имрӯза пайванд дода, дуруст қайд мекунад, ки аҳамияти мавзуи интихобшуда бо зарурати на танҳо дарки фалсафии ин проблемаҳо, балки инчунин ҳаллу фасли масъалаҳои амалии вобаста ба раванди инкишофи прогрессивии он табдил додани тамоюлоти берабту низоми худшиносии воқеияти иҷтимоӣ меафзояд. Давлати озоди демократии ҳуқуқӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро танҳо дар сурати мухторияти шахсӣ созмон додан мумкин аст, ки он на танҳо озодии шахсии инсон, балки ягонагии имкониятҳои дохилию берунии рушди фарҳанг, маънавият ва некӯаҳволии ӯ бо таъмин намудани ҳуқуқу озодиҳои иқтисодию сиёсии шаҳрвандҳои онро таъмин месозад. Аз ин рӯ, омӯзиши тамоюлот ва мушкилоти равандҳои ташаккул ва тағйирёбӣ инсонро бо зарурати ҳифз ва баланд бардоштани сатҳи озодӣ дар ҷомеаи тағйирёбанда вазифаи муҳими илмию амалӣ маҳсуб меёбад. (Автореферат. саҳ.3)

Дар идомаи ин андешаҳо муаллиф бар ин назар аст, ки ин масъала дар Шарқ аз давраҳои қадим дар таълимоти намояндагони мактабҳои фикрӣ, фирқаҳо ва ҷараёнҳои мутамоил ба ақлгароии фалсафӣ матраҳ гардидааст. Дар замони муосир масъалаи озодӣ яке аз масъалаҳои бунёдии марбут ба инсон ва ҳаёти иҷтимоии ӯ мебошад. Дар маҷмуъ, масъалаи мазкур ба муҳити имрӯзаи ҷаҳоншумулӣ рабт дорад, ки он инсонро ҳарчи бештар барои

дарк кардан ва ба даст овардани озодии шахсиаш таҳрик дода, барои касби хислатҳои мустақилӣ, хирадмандӣ, саъю кӯшишҳо барои беҳбудии ҳаёташ ба ҳадде мерасонад, ки дар ин равиш қудратҳои табиӣ барои иҷрои иродаи инсон монеаи камтар эҷод менамоянд. Эволютсияи ихтиёрии инсон, ки аз беҳшавии хислатҳо ва истеъдодҳои ӯ далолат мекунад, аломати озодии вай мебошад. Ба эътиқоди файласуфони машшоияи шарқӣ ин озодии инсон барои саодати ӯ муҳим ва зарурати фитрӣ буда, дар гуфтор, рафторҳо ва одатҳои ӯ зоҳир мешаванд: инсон масъули саодат ва ё бадбахтии худаш аст. Муқаррар намудан ва асоснок намудани инҳо ва масоили дигаре, ки ба озодии инсон пайвастагӣ доранд ва муқоисаи онҳо бо мутафаккирону файласуфони ғайриисломии гузашта ва муосир аҳамияти омӯзиши ин мавзуъро муайян мекунанд. (Автореферат.саҳ.4.)

Муаллиф дар автореферати диссертатсияи худаш мақсад ва вазифаҳои илмӣ гузошта, бо истифода аз усулҳои илми муосир афкори намояндагони мактабҳои ақлгарои исломӣ, алалхусус, машшоияи шарқӣ ва саъю кӯшишҳои онҳоро дар ҳаллу фасли мушкилоти вобаста ба масъалаи озодии инсон мавриди таҳқиқ қарор додааст. Ҳ.Зикирзода аз тадқиқотҳои олимони ватанию хориҷӣ истифода намуда, дар шароити пурпечутоби замони ҷаҳонишавӣ мавзуи тадқиқотии худро дар сатҳи баланди илмӣ таълиф намудааст.

Аз автореферати диссертатсия айён мешавад, ки муаллиф ин мавзуъро ба таври васеъ мавриди таҳқиқ қарор дода, муқаррар намудааст, ки аз назари машшоиёни шарқӣ, инсон як мавҷуди озод аст, ки қобилияти ҳам интихоб ва ҳам дар амали хеш мухторият карданро дорад ва мавҷуди масъул аст. Инчунин, баррасии умумии автореферат равшан месозад, ки тадқиқоти мазкур пурра ба анҷом расида буда, озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шарқӣ дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон бори аввал ба таври ҳамаҷонибаю васеъ мавриди таҳқиқи қарор гирифтааст. Муаллиф бар ин назар аст, ки машшоиёни шарқӣ таълимоти худро дар доираи ақлоният ба таври муназзам шарҳ дода, равишҳои гуногунро барои равшан кардани он нукта, ки чаро амалҳои инсон бояд ба таври худмуайянкунӣ сурат гиранд, истифода кардаанд. Онҳо баҳс мекунанд, ки масъулияти ахлоқии инсон бо озодии амал алоқаманд аст: агар инсон шахсан барои коре, ки анҷом медиҳад, ҷавобгар бошад, ӯ фикр мекунад, ки амалҳои худро назорат намуда, худи ӯ маҳз бояд қарор қабул кунад ва баъдан тибқи он амал намояд. Аз ин рӯ, машшоиёни шарқӣ фарзия пешниҳод мекунанд, ки ахлоқи хуб танҳо дар сурате имконпазир аст, ки озодии амали инсон ҳақиқӣ бошад. Адолат, дар маҷмуъ, аз як тараф, ва адолати роҳбари ҷомеа, аз тарафи дигар, як рукни асосии таълимоти мутафаккирони машшоиёни шарқӣ буд ва онҳо боварӣ

доштанд, ки доварии онҳо дар бораи аъмоли инсон ба принсипҳо ва арзишҳои объективӣ асос ёфтааст.

Ҳобил Зикирзода тавонистааст, ки дар ин таҳқиқоташ аз далелҳои илмӣ ва маводҳои илмӣ истифода бурда, нуктаи назари хешро бо мисолҳои мушаххас собит намояд. Тадқиқоти илмии унвонҷӯ Ҳ.Зикирзода "Озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шарқӣ" айни замон мавзуи мубрам буда, натиҷаҳои илмии он дар илми таърихи фалсафа ва афкори фалсафию иҷтимоӣ имрӯз ҳам муфид мебошанд.

Аз автореферати диссертатсия маълум мешавад, ки таҳқиқоти Ҳ.Зикирзода дар мавзуи "Озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шарқӣ" таҳқиқоти муҳим, кори ба пуррагӣ анҷомёфта ва мустақилона буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ" ҷавобгӯ мебошад.

Дар асоси гуфтаҳои дар боло овардашуда метавон хулос кард, ки рисолаи илмии Ҳ.Зикирзода дар мавзуи "Озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шарқӣ" дар сатҳи баланди илмӣ таълиф шуда, хулосаҳои пешниҳодшудаи он барои ҷомеа ва илми мо аҳамияти ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ доранд ва муаллифи ин таҳқиқот барои сазовор шудан ба дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа, аз рӯи ихтисоси 09.00.03 - таърихи фалсафа арзанда мебошад.

**Мудири кафедраи фалсафаи Раёсати**
**Академияи миллии илмҳоиТоҷикистон, д.и.ф.** **Мирзоев Ғ.Ҷ.**

**E-mail: Gaffor-1964@mail.ru**
**Тел.: +992 93 505 66 56 (моб.)**
**+ 922 372 21 58 16 (раб.)**

Имзои Мирзоев Ғ.Ҷ. тасдиқ мекунам

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ

05.06.2024